**В диссертационный совет 6D.КОА-044 при Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**
**(734003, г. Душанбе, ул. Саид Носир 33)**

**ОТЗЫВ**

**на автореферат диссертации Соибова Зайниддина Махмадшарифовича на тему «Государственное управление таможенным делом в Республике Таджикистан: административно-правовое исследование» на соискание учёной степени доктора юридических наук по научной специальности 12.00.14 – Административное право; административно-процессуальное право**

Диссертационное исследование Соибова Зайниддина Махмадшарифовича посвящается одним из актуальных вопросов административного права – «Государственное управление таможенным делом в Республике Таджикистан: административно-правовое исследование», которое в современных условиях требует всестороннего исследования. Как известно, постсоветские страны в основном выбрали путь рыночной экономики, свобода экономической деятельности, в том числе внешнеэкономической деятельности и в этих условиях таможенное дело играет важную роль в урегулировании и развитие этими направлениями. Поэтому, исследование и изучение вопросов государственное управление таможенным делом является своевременным и полезным в современной науке административного права.

Необходимо отметить, что оптимальная организация таможенного дело зависит от высокого качества организации государственного управления. Как отметил автор, для современного государства правильная и адекватная организация государственного управления является основным и ключевым инструментом регулирования и развития сфер общественной жизни. Именно через установление правильного государственного управления выражаются воля и позиция государства в общественных сферах и отношениях, обеспечивается их регулирование и стабильность. В этом контексте таможенное дело вступает как объект государственного управления, посредством качественной организации государственного управления таможенного

дело и решаются такие задачи государства как развития экономики, обеспечение экономической безопасности, защита национальных интересов и др.

В нынешних условиях государственное управление таможенным делом имеет научное и практическое значение и на основе её анализа и изучение разрабатываются новые научные идеи, концепции и рекомендации для обеспечения развития и эффективности государственного управлени в этом направлении.

В связи с этим, автор диссертационного исследования предлагает научно обоснованное предложения для решения данной проблемы и устранения недостатков исследуемого вопроса, которые могут считаться значимыми в науке административного права и практики государственного управления таможенного дело.

Среди положений диссертации особое значение имеет следующие:

- автор пришел к выводу, что в настоящий момент таможенное дело выступает как объект государственного управления и институт административного права и в данном контексте имеет следующие административно-правовые особенности: таможенное дело признано общественной сферой, которая логично рассматривается как объект государственного управления; управляется соответствующими государственными органами; развивается и реализуется на основе таможенной политики; в его рамках осуществляются различные процедуры и действия административно-правового характера; таможенное дело является важнейшим средством развития таких сфер, как экономика, торговля, услуги, инвестиции, государственный бюджет и др.;

- доказано, что формы государственного управления таможенным делом не всегда связаны с возникновением правовых последствий. Определено, что конкретно правовые последствия появляются в разрезе правовых форм государственного управления таможенным делом, то есть при разработке и принятии административно-правовых актов органами государственного управления таможенным делом (принятие нормативных правовых актов таможенными органами и иными органами государственного управления таможенным делом), заключении договоров (административных и международных договоров) и совершении действий правового характера с их стороны;

- законность в государственном управлении таможенным делом и его эффективность зависят от следующих факторов: а) наличие стабильной правовой базы; б) наличие качественно стабильного законодательства и отсутствие дублирования и противоречий между нормативными правовыми актами; в) надлежащая организация работы в органах государственного управления таможенным делом; г) правильное и эффективное использование информационно-технических средств в процессе государственного управления таможенным делом; д) отсутствие правонарушений как на уровне должностных лиц органов государственного управления таможенным делом, так и на уровне иных физических и юридических лиц; е) высокий уровень правосознания, правовой культуры и этики лиц, вовлеченных в процесс таможенного дела и его государственного управления.

Стоит отметить, что автореферат диссертации соответствует основным положениям диссертационного исследования и отражает её содержание и оценивается положительно. А также автореферат отвечает критериям, предъявляемым к докторским диссертациям в соответствии соответствующим требованиям. Основные моменты диссертационного исследования отражены в научных журналах и материалах конференции разных уровней.

Таким образом, следует отметить, что диссертация Соибова Зайниддина Махмадшарифовича на тему «Государственное управление таможенным делом в Республике Таджикистан: административно-правовое исследование» соответствует научной специальности, а её автор заслуживает присуждения искомой учёной степени доктора юридических наук по научной специальности 12.00.14 – Административное право; административно-процессуальное право.

**Профессор Академии государственного управления при Президенте Республики Узбекистан, доктор юридических наук О.Т. Хусанов**

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI PREZIDENTI HUZURIDAGI DAVLAT BOSHQARUVI AKADEMIYASI
KADRLAR BO'LIMI

О.Т. Хусанов

Imzosini tasdiqlayman
Kadrlar bo'limi boshlig'i

04.04.2023

**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир 33)**

# ТАҚРИЗ

**ба автереферати диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи маъмурӣ – «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» бахшида шудааст, ки дар шароити муосир таҳқиқи ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Тавре маълум аст, кишварҳои пасошӯравӣ асосан роҳи иқтисоди бозорӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ, аз он ҷумла фаъолияти иқтисоди хориҷиро интихоб намудаанд, ки дар чунин шароит фаъолияти гумрукӣ дар танзим ва рушди ин соҳаҳо нақши муҳимро иҷро мекунад. Бинобар ҳамин, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар илми ҳуқуқи маъмурӣ саривақтӣ буда, аз манфиат холӣ нест.

Қайд намудан зарур аст, ки ташкили босуботи фаъолияти гумрукӣ аз сифати баланди ташкили идоракунии давлатӣ вобастагӣ дорад. Чуноне муаллиф қайд намудааст, барои давлати муосир ташкили дуруст ва муносиби идоракунии давлатӣ воситаи асосӣ ва калидии танзим ва рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад. Маҳз тавассути ба роҳ мондани идоракунии давлатӣ, дар шакли умум, ирода ва мавқеи давлат дар соҳаҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода гардида, танзим ва суботи онҳо таъмин карда мешаванд. Дар ин замина фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад, ки тавассути ташкили босифати

идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ вазифаҳои давлатӣ, ба монанди рушди иқтисодиёт, таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ғайра ҳал мегарданд.

Дар шароити муосир идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад, ки дар заминаи таҳлил ва омӯзиши он ғояҳои нави илмӣ, консепсияҳо ва тавсияҳо барои таъмини рушд ва самаранокии идоракунии давлатӣ дар ин самт таҳия мегарданд.

Дар алоқамандӣ бо ин, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тавсияҳои илман асоснокро барои ҳалли масоили мазкур ва бартарафсозии норасоиҳои масъалаҳои таҳқиқшаванда пешниҳод намудааст, ки дар илми ҳуқуқи маъмурӣ ва амалияи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муҳим мебошанд.

Миёни нуктаҳои диссертатсия инҳо аҳаммияти муҳим доранд:

– муаллиф ба хулоса омадааст, ки дар айни замон фаъолияти гумрукӣ ба сифати объекти идоракунии давлатӣ ва падидаи ҳуқуқи маъмурӣ баромад мекунад, ки дар ин замина чунин хусусиятҳои ҳуқуқии маъмуриро дар худ касб менамояд: фаъолияти гумрукӣ ҳамчун соҳаи ҷамъиятӣ эътироф мегардад, ки мантиқан ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ маҳсуб мeёбад; аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ роҳбарӣ карда мешавад; дар заминаи сиёсати гумрукӣ рушд ва амалӣ мегардад; дар доираи он расмиёт ва амалҳои гуногуни хусусияти ҳуқуқии маъмуриидошта амалӣ мегарданд; фаъолияти гумрукӣ воситаи муҳимтарини рушди соҳаҳое чун иқтисод, тиҷорат, хизматрасонӣ, сармоягузорӣ, буҷети давлатӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад;

– исбот карда шудааст, ки шаклҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ на дар ҳама маврид бо пайдо гардидани оқибатҳои ҳуқуқӣ алоқаманданд. Муайян шудааст, ки ба таври мушаххас оқибати ҳуқуқӣ дар заминаи шаклҳои ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, яъне таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ (қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ва дигар мақомоти идоракунии

давлатии фаъолияти гумрукӣ), бастани шартномаҳо (шартномаҳои маъмурӣ ва байналмилалӣ) ва анҷом додани амалҳои хусусияти ҳуқуқидошта аз ҷониби онҳо ба миён меояд.

– қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва самаранокии он бо омилҳои зерин вобаста мебошад: а) мавҷудияти заминаи ҳуқуқии устувор; б) мавҷуд будани қонунгузории сифатан устувор ва ҷой надоштани духӯрагӣ ва мухолифатҳои байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; в) ташкили дурусти кор дар мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ; г) дуруст ва самаранок истифода бурдани воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ; д) ҷой надоштани ҳуқуқвайронкуниҳо чи дар сатҳи шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва чи дар доираи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар; е) сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва ахлоқи шахсони дар раванди фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он баромадкунанда.

Қайд намудан ба маврид аст, ки автореферати диссертатсия ба муқарраротӣ асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқ аст, ки мазмуни онро инъикос намуда, мусбӣ арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин, автореферат ба талаботи барои диссертатсияи докторӣ пешнибинигардида ҷавобгӯ мебошад. Муқарраротӣ асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводҳои конференсияҳои сатҳҳои гуногун инъикос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, зикр бояд намуд, ки диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» ба ихтисоси илмӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Профессори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Узбекистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **О.Т. Хусанов**

intourist
ОБЩЕСТВО С ОГРАНИЧЕННОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТЬЮ "ИНТУРИСТ"
ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ "ИНТУРИСТ"
LIMITED LIABILITY COMPANY "INTOURIST"
Address: 45, M.Tursonzade str. Dushanbe city, Tajikistan
Tel: +992(37) 221-74-84
ТАРҶУМА ДУРУСТ АСТ
TRANSLATION IS CORRECT
ПЕРЕВОД ВЕРЕН
Date
Signature
Translator

Город Душанбе,
Республика Таджикистан

06.04.2023 года. Я, ПУЛОДИ Х. Ш., государственный нотариус Главной государственной нотариальной конторы Министерства юстиции Республики Таджикистан, свидетельствую подлинность подписи, сделанной переводчиком Буриевой Дарьей Михайловной в моем присутствии. Личность ее установлена.

Зарегистрировано в реестре за №11-Д 8484

Взыскано государственной пошлины: 60

Государственный нотариус: